“Тасдиқ мекунам”
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ”, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода Аҳлиддин Ибодулло
______________________
“___” ____________ соли 2025”

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Фаризаи Файзизода дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология.**

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмуни таҳқиқоти диссертатсионии Фаризаи Файзизода дар мавзуи “Хусусиятҳои ҷинсии унсурҳои зоҳиршавии лаёқати зеҳнӣ дар наврасон” барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 19.00.07 – Психологияи педагогӣ ба талаботи мавҷуда мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар замони муосир пешрафти давлат ва ҷомеаро бе намояндагони соҳиби зеҳни рушдкарда ва қобилиятҳои эҷодӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Маҳз истифодаи оқилонаи захираҳои зеҳнию эҷодии кишвар омили муҳимми пешрафти он маҳсуб меёбанд. Таҷрибаи давлатҳои мутараққии ҷаҳон ба ин гувоҳанд. Муайян намудан ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои инкишофи лаёқати зеҳнӣ масъалаи муҳиммест, ки ҳалли босамари он боиси баланд бардоштани самаранокии фаъолияти таълимӣ-маърифатии наврасони болаёқат ва татбиқи минбаъдаи лаёқати онҳо дар фаъолиятҳои барои ҷомеа судманд мегардад.

Муҳиммияти таҳқиқотро дар самти мазкур шароитҳои зерин муайян месозанд: аз ҷониби ҷомеаи муосир дарк гаштани он ки «захираи инсонӣ» замина ва зарфиёти муҳимтарини рушди он аст; босуръат

инсонӣ» замина ва зарфиёти муҳимтарини рушди он аст; босуръат гардидани ҷараёни ҳаёт, зиёд гаштани сарбории ахборотӣ ва эмотсионалӣ ба инсон; муаммоҳои зиёде, ки ҳалли онҳо кӯшиши зиёди зеҳнию эҷодиро талаб мекунад; талаботи ҷомеа ба фаъолияти касбӣ ва шахсияти инсон, ки бояд эҷодкор, фаъол, масъулиятшинос, дорои зеҳни инкишофёфта ва маълумоти баланд дошта бошад.

Таҳқиқ ва омӯзиши махсусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии лаёқати зеҳнӣ имконият медиҳад, то раванди таълиму тарбия бо дарназардошти имкониятҳои фардии ҳар як наврас ташкил карда шавад ва барои инкишофи ҳамҷонибаи имкониятҳои зеҳнию эҷодии ӯ шароитҳои мусоид фароҳам оварда шаванд.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.** Диссертатсияи Фаризаи Файзизода дар мавзуи “Хусусиятҳои ҷинсии унсурҳои зоҳиршавии лаёқати зеҳнӣ дар наврасон” кори илмӣ ва саривактӣ буда, яке аз масъалаҳои муҳими шароити муосир ба шумор меравад.

Бо дарназардошти натиҷаҳои таҳқиқот дар мавриди фарқиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон татбиқи онҳо дар амалия бояд бо риояи хусусиятҳои шахсӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ-психологии ҳар як гурӯҳи ҷинсӣ сурат гирад. Дар асоси таҳлили маълумоти таҷрибавӣ ва назариявӣ тавсияҳои зерин пешниҳод мегарданд:

1. Омӯзгорон ва равоншиносони мактабӣ бояд барномаҳои таълимиро бо дарназардошти фарқиятҳои ҷинсии зоҳиршавии лаёқатҳои зеҳнӣ танзим намоянд. Масалан, барои духтарон бештар фаъолиятҳое пешниҳод шаванд, ки тафаккури вербалӣ ва эмосионалиро тақвият медиҳанд, дар ҳоле ки барои писарон — таҳлил, мантиқ ва фаъолиятҳои алоқаманд ба ҳалли масъалаҳои фазоӣ бештар аҳамият дода шавад. Таълими инфиродӣ ва дифференсиалии фанҳои дақиқ ва гуманитарӣ бояд бо дарназардошти когнитивии ҳар ҷинс роҳандозӣ гардад.

2. Мутахассисони соҳаи ташхиси психологӣ метавонанд натиҷаҳои таҳқиқотро барои муайянсозии самтҳои рушд ва дастгирии равонӣ-ҳиссии наврасон истифода баранд. Натиҷаҳо имкон медиҳанд, ки ҷанбаҳои неруи зеҳнӣ дар ҳар ду ҷинс бо усулҳои мувофиқ ташхис ва тақвият ёбанд. Пешниҳод мегардад, ки асбобҳои ташхисӣ (тестҳо, анкетҳо) бо назардошти ҷинс мутобиқ гарданд, то ташхис таъмин гардад.

3. Ташкили маҳфилҳо ва курсҳои иловагӣ бояд ба густариши элементҳои зеҳнӣ (тафаккури мантиқӣ, эҷодкорӣ, хотира, диққат) мутобиқи хусусиятҳои ҷинсии наврасон равона карда шаванд. Масалан, барномаҳо барои духтарон метавонанд фаъолияти эҷодӣ (дебатҳо,театр) ва барои писарон — фаъолиятҳои мушкилкушоӣ (олимпиадаҳои риёзӣ, лоиҳаҳои техникӣ)-ро бештар фаро гиранд.

4. Волидайн бояд огоҳ гарданд, ки сатҳ ва шакли инкишофи лаёқатҳои зеҳнӣ дар духтарон ва писарон метавонад гуногун бошад ва бояд муҳити муносиб барои инкишоф ва дастгирӣ фароҳам оранд. Пешниҳод мегардад, ки машваратҳои равоншиносони мактабӣ бо иштироки волидайн гузаронида шаванд, то тарзи муносибат бо наврас мутобиқи хусусиятҳои лаёқатҳои зеҳнии ӯ танзим гардад.

5. Зарур аст, ки дар курсҳои тайёрии омӯзгорон ва равоншиносон модулҳои таълимӣ дар мавзуи “Фарқиятҳои ҷинсӣ дар рушди лаёқатҳои зеҳнӣ” ворид карда шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳамчун асос барои таҳияи барномаҳои омӯзишии нав дар сатҳи муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва такмили ихтисос истифода гарданд.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқот нишон медиҳанд, ки зоҳиршавии лаёқатҳои зеҳнӣ дар духтарон ва писарон хусусиятҳои хоси ҷинсӣ доранд, ки бояд дар ҳама зинаҳои таълим, тарбия ва ташхис ба ҳисоб гирифта шаванд. Истифодаи мақсаднок ва илмии ин натиҷаҳо метавонад ба баланд бардоштани сифати рушди когнитивии наврасон ва таъмини инфиродиятнокии таҳсилот мусоидат намояд.

Умуман, кори диссертатсионии Фаризаи Файзизода як кори илмии ҷиддӣ ва актуалӣ буда, дар он фикру мулоҳизаи илмӣ ба таври

умум асоснок ва хулосаҳо ба натиҷаҳои бадастомада мувофиқ мебошад. Пешниҳоди овардашуда аҳамияти илмӣ дошта, метавонад дар ҳалли мушкилоти ҷойдошта саҳми муносиб гузоранд. Диссертатсияи мазкур сазовори таваҷҷуҳ буда, метавонад ҳамчун сарчашмаи муҳим барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ва таҳияи барномаҳои таълимии самти мактабӣ хизмат намояд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар муқаррароти зерин ифода ёфтанд:

- бори аввал дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ дар наврасон мавриди таҳқиқи комплексӣ ва назариявию амалӣ қарор дода шуд;
- исбот гардид, ки зоҳиршавии унсурҳои лаёқати зеҳнӣ хусусиятҳои ҷинсиро доро мебошад ва байни духтарон ва писарон дар сатҳ ва тарзи зоҳиршавии қобилиятҳои маърифатӣ фарқиятҳои муайян ба мушоҳида мерасанд;
- муайян карда шуд, ки давраи барвақтии наврасӣ барои рушди лаёқати зеҳнӣ ва ташаккули унсурҳои он муҳити мусоид фароҳам меорад ва маҳз дар ин марҳала фарқиятҳои ҷинсӣ бештар равшан зоҳир мегарданд;
- дар натиҷаи таҳқиқот тасдиқ гардид, ки унсурҳои таркибии лаёқати зеҳнӣ (тафаккури мантиқӣ, хотира, тафаккури эҷодӣ ва қобилияти ҳалли масъалаҳо) дар робитаи мутақобила қарор доранд ва рушди яке аз онҳо ба рушди дигарашон мусоидат мекунад;
- маълум гардид, ки дараҷаи инкишофи креативнокӣ (эҷодкорӣ) дар наврасон аз муҳити таълимӣ, мазмуни барномаҳои таълимӣ ва омилҳои иҷтимоӣ вобастагии зич дорад;
- асоснок карда шуд, ки лаёқати зеҳнӣ хусусияти статикӣ надошта, дар тӯли ҳаёти фард зина ба зина ташаккул ва инкишоф меёбад, ки ин раванд аз омилҳои ҷинсӣ, муҳити иҷтимоӣ ва хусусиятҳои инфиродии шахсият вобаста аст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар муайян намудани хусусиятҳои ҷинсӣ ва синнусолии зоҳиргардии унсурҳои таркибии

лаёқати зеҳнӣ, алоқамандии қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодкорӣ аз талаботи маърифатӣ дар давраи наврасӣ ифода меёбад, ки метавонад барои ташкили босамари раванди муайяннамоӣ ва таълими наврасони болаёкат истифода гардад. Ҳамзамон натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҷиҳати таҳияи барномаҳои таълимӣ, чорабиниҳои гуногуни ба ташаккул ва рушди зарфиёти зеҳнӣ ва эҷодии наврасон равонабуда босамар истифода намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсияро** асосҳои методологии мавқеъҳои заминавии тадқиқот, истифодаи маҷмуи методҳои илмии тадқиқотӣ назариявӣ ва амалӣ, ки ба табиати зуҳуроти омӯхташаванда мувофиқанд, мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, азнавҳосилшаванда ва эътимоднок будани натиҷаҳои бадастомада, таҳлили сифатӣ ва миқдории онҳо, истифодаи методҳои оморӣ ҳангоми коркарди натиҷаҳои тадқиқот таъмин намуданд.

**Саҳми шахсии довталаб** аз муайян намудани мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, муайян намудани объект ва масъалаи тадқиқот, матраҳсозии масъалаҳои мубрами тадқиқот, таҳлил ва таҳвили иттилооти бадастоварда мебошанд. Ҳолатҳои назариявӣ ва методологӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳо, ки муҳтавои диссертатсияро ташкил медиҳанд, маҳз натиҷаи тадқиқоти мустақилонаи унвонҷӯй маҳсуб мегарданд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Иншороти диссертант аз он гувоҳ медиҳанд, ки нуктаҳои асосии муҳтавои диссертатсия аз натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар як қатор мақолаҳои илмии дисертант инъикос ёфтаанд.

Ҳафт мақолаи илмӣ, аз ҷумла панҷ мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидааст.

Аз номгуи мақолаҳои илмии чопшуда бармеояд, ки диссертант масъалаҳои гуногуни марбут ба хусусиятҳои ҷинсии унсурҳои зоҳиршавии лаёқати зеҳнӣ дар наврасон мавриди таҳқиқ қарор додааст. Нашри чунин мақолаҳо дар маҷаллаҳои бонуфузи илмии Ҷумҳурии

Тоҷикистон нишон медиҳад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти Фаризаи Файзизода илман эътироф шуданд ва дорои арзиши илмӣ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсияи Фариза Файзизода аз муқаддима, ду боб, 7 зерфасл, хулосаи умумӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст. Мундариҷаи диссертатсия дар 180 саҳифа баён шудааст. Матни диссертатсия 23 ҷадвал ва 5 расмро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, сатҳи пажуҳиши илмии он таҳлил карда шуда, объекту предмети тадқиқот, мақсад ва вазифаҳои асосии он муайян гардида, тавсифи асосҳои илмиву методологӣ, заминаи сарчашмашиносӣ оварда шуда, шарҳу тавзеҳи арзиши илмиву амалии кори диссертатсионӣ, баёни навгонии илмӣ, инчунин муҳтавои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда арзёбӣ гардидаанд.

Боби якуми таҳқиқот **«Ҷанбаҳои назариявию методологии зоҳирщавии лаёқати зеҳнӣ дар давраи наврасӣ»** аз чор зерфасл иборат буда, он ба таҳлили адабиёти илмӣ бахшида шудааст. Маводи омӯхташуда заминаи назариявӣ-методологии тадқиқоти амалиро ташкил доданд.

Боби дуюми диссертатсия **“Омӯзиши таҷрибавӣ-озмоишии хусусиятҳои ҷинсии зоҳиршавии лаёқати зеҳнӣ дар наврасон”** ба ташхиси ташкилдиҳандаҳои лаёқати зеҳнӣ дар хонандагони синни миёнаи мактабӣ бахшида шудааст.

Хулосаҳо дар охири ҳар боб ва хулосаи умумии диссертатсия қисмҳои калидии ҷамъбасти таҳқиқот мебошад. Хулосаи ҳар боб муҳимтарин нуктаҳо ва натиҷаҳои онро мухтасар баён намуда, дастовардҳои асосиро таъкид мекунанд. Дар навбати худ, хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии тамоми таҳқиқотро ҷамъбаст намудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии атестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат мутобиқ ба талаботи

Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ (доктори фалсафа PhD), номзади илм ва докторит илм) таҳия шудааст. Автореферати диссертатсия муҳтавои мухтасари рисоларо инъикос намуда, тасавуроти дақиқ дар бораи моҳияти таҳқиқот ва натиҷаҳои бадастомадаи диссертантро фароҳам меоарад. Натиҷаҳои бадастомада, тавсияву хулосаҳо дар асоси талаботи Комиссия ва Дастурамал ба таври илмӣ-методи асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, инчунин бо диаграммаю ҷадвалҳо, расму тасвирҳо ва формулаҳои ҳисобӣ пурра риоя шудааст.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Тахассуси илмии Фаризаи Файзизода ба дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050307 – психологияи омузгорӣ мутобиқат мекунад.

**Эродҳо ва ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар баробари дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсия ва автореферати он аз норасоиҳо ва ғалатҳое низ холӣ нест, ки хусусияти ҷузъӣ доранд ва зикри он барои такмили минбаъдаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муфид хоҳад буд, аз ҷумла:

1. Диссертант аз асарҳои илмии олимони ватанӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқот истифода бурдааст, вале камтар.
2. Агар диссертант зуҳури хусусиятҳои ҷинсии унсурҳои зоҳиршавии лаёқати зеҳнӣ дар наврасон ро боз ҳам васеътар таҳлил мекард, он гоҳ қимати илмии диссератсия боз ҳам баландтар мегардид.
3. Дар кор хатогиҳои техникӣ зиёд дида мешавад, номувофиқии ҷумлаҳо низ зиёданд, вале ба муҳтавои кор таъсир намерасонад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия**. Диссертатсияи Фариза Файзизода дар мавзуи “Хусусиятҳои ҷинсии унсурҳои зоҳиршавии лаёқати зеҳнӣ дар наврасон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси 6D050307 – психологияи омузгорӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-уми Тартиб додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №276 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Муҳокима ва баррасии диссертатсия аз ҷониби муассисаи тақризшаванда бо иштироки диссертант Фаризаи Файзизода дар ҷаласаи васеи кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз санаи 30.10.2025 баргузор гашта, тақриз дар ин ҷаласа баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 12 нафар устодон иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор -12 нафар, муқобил - нест, бетараф- нест. Қарори ҷаласаи кафедра № 2 аз 30.10.2025.

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ - методӣ, мудири кафедраи
психологияи умумӣ ва педагогии Донишгоҳи
давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент Саидмирова С.М.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи психологияи умумӣ ва педагогии
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ, номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент Тураев Ё.

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ - методӣ, номзади
илмҳои педагогӣ Олимзода Т.

___.___________.2025.

**Маълумот барои тамос:**
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121;
Тел: +992 (37) 224 13 83, E-mail: info@tgpu.tj, www.tgpu.tj

Имзои С.Саидмирова, Ё. Тураев ва Т.Олимзодаро тасдиқ мекунам.
Сардори РК ва КМ
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Қодирзода С.